# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос мегардад, ки замони истиқлоли кишвар, ки халқи шарафманди Тоҷикистон барои рушди давлати миллии ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона талош варзида истодааст, замони зинда доштан ва таҳқиқу бозёбии таърихи пурғановати миллат мебошад, ки бе омӯзиши осори илмию адабии фарзандони содиқу фарзонаи халқи тоҷик ғайриимкон мебошад. Барои расидан ба орзуву омоли худ дар ин давраи ниҳоят ҳассос ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон мардуми кишварро зарур аст, аз хазинаи бою пурғановати фарҳангию маънавӣ ва мероси гузоштаи донишмандону мутафаккирони гузаштаи худ истифода намояд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Пос доштани хотираи бузургоне, мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар шахсиятҳои нотакрори илму адабамон набояд ба хотири ифтихору болидан бошад. Мо фақат дар ҳамон сурат эҳтироми бузургонамонро комилан ба ҷо меорем, ки осори онҳоро омӯзем, фарзандонамонро дар руҳияи таълимоти онҳо тарбия кунем, фармудаҳои онҳоро дастури амал қарор диҳем.

Масъалаи дигар таҳқиқи хоси нуқтаҳои назар ва диди замонӣ ба мероси ғании ниёгон мебошад, ки ба ҷаҳонбинӣ ва тариқи бархурди муҳаққиқ нисбат ба воқеияти ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии мутаффакир хеле фароху доманадор аст, ки шоистаи омӯзиш ва таҳқиқ мебошанд. Осори мутафаккир фарогири андешаҳои хос доир ба давлат, сиёсат, идораи одилона, ҳуқуқ ва адолат,

ахлоқи ҳамидаи касбӣ ва оммавӣ, оила ва покии он, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои оила, эҳтироми волидон, никоҳ ва талоқ, тақсими мерос, вазъи ҳуқуқии раият, муносибатҳои молӣ, рафтори қонунӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо мебошанд, ки бояд мавриди омӯзиш қарор бигиранд.

Тоҷикон дар ҳама давру замонҳо аз таҳаммулгароӣ ва маслиҳату муколама кор гирифта, борҳо собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва бо ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад. Дар даврони муосир низ Тоҷикистон бо такя ба афкор ва таҷрибаи таърихии ниёгони худ раванди гуфтугӯи тамаддунҳоро ҳамеша ҷонибдорӣ менамояд.

Пас аз ба даст даровардани истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти омӯзиши осори гаронмояи аҷдодон боз зиёд гардид, чун зарурияти сохтмони давлати миллӣ ва созмон додани низоми ҳуқуқи миллӣ пеш омад ва мусаллам аст, ки бе омӯзиши таърих ва фарҳанги миллӣ, таҷрибаи давлатдории тоҷикон, адабиёту санъат ва маданияти бойи гузуштагони тоҷикон дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ин нияту ормонҳо ғайриимкон мебошад. Андешаҳои бунёдӣ ва тарҳи борикбинонаи мутафаккир дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва адолат, ҳимояи манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, зарурати ба тамоми шаҳрвандон додани имкониятҳои баробарӣ, ҳуқуқу бомаърифатӣ, имконоти баробар ва бофарҳангии арбобони давлатӣ, бартарии адли илоҳӣ ва хирад нисбат ба дигар арзишҳои ахлоқӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқии классикӣ то кунун дар ҷамъият арзиши худро аз даст надодаанд. Осору таълифоти вай дар бахши ҳуқуқи аҳли ҷомеа на танҳо дар доираи кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик, балки берун аз он низ мубрамияти худро нигоҳ доштаанд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар ин андешаҳо проблемаҳои ҳуқуқие масъалагузорӣ, баррасӣ ва ҳал гардидаанд, ки дар ташаккули сохтори ҳуқуқии давлат таҳкими воя ва бунёдҳои он аҳаммияти ниҳоят муҳим ва мубрам доранд.

Мубрамияти мавзӯи мазкур боз дар он ифода меёбад, ки дар даврони пуртаззоди имрӯзаи ҷаҳони муосир гурӯҳҳои гуногун, ҳаракатҳои сиёсӣ ва инсонҳои дорои нигоҳи экстремистӣ дини ислом ва эътиқоди одамонро дар аксарият ҳолатҳо ба мақсадҳои ғаразнок ва ақидатии худ истифода мебаранд ва аз ин нуқтаи назар омӯзиши мероси илмии хусусияти ҳуқуқӣ доштаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва мутаффакирони дигари ин сарзамини маърифатпарвар мубрамият ва муҳимияти худро аз даст надода, таваҷҷуҳи муҳаккиқони соҳаҳои гуногуни илм, махсусан ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст. Таълимоти давлатию ҳуқуқии мутафаккир метавонад дар мубориза бар зидди андеша ва ақидаҳои гурӯҳҳои экстремистӣ ва ҳизбҳои сиёсии нигоҳи террористидошта яроқи аслии идеологӣ дар тамоми фазои кишварҳои тозаистиқлол шавад ва инчунин бо ёрии он метавон шиорҳои сохтаи идеологҳои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ва таълимоти хусусияти экстремистию террористӣ ва ҷудоиандоздошта қатъиян фош гардида, онҳоро метавон бо шикаст рӯбарӯ намуд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ. ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия кор илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшудаба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Калонзода Ф.М., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертасияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муққаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**- Кенҷазода Шӯҳрат Юсуф** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ,
аъзои комиссияи экспертӣ Назаров А.Қ.

Аъзои комиссия ташхис:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ,
аъзои комиссияи экспертӣ Шодиён И.Р.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«24» июня 2025